**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 10.04.2025, № 95

Барои сазовор донистани Зоирзода Холмурод Сафаралӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дар мавзуи «Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) аз 2-юми феврали соли 2025, суратҷаласаи № 85 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Зоирзода Холмурод Сафаралӣ 28-уми марти соли 1987 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Соли 2005 Муассисаи таълимии умумии миёнаи № 14-и ноҳияи Кӯшониён ва соли 2010 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

Аз соли 2019 то соли 2021 ассистент ва аз соли 2022 то инҷониб ба ҳайси омӯзгори кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» фаъолият дорад.

Солҳои 2020-2024 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба корҳои илмӣ- таҳқиқӣ машғул шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович**.

**Муқарризони расмӣ**: **Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло,** доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

**Усмонова Мунаввара Холиқовна,** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология, мудири кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ – Саидзода Муҳаммад Бегмурод, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Давлатова Фароғат Тулқуновна, котиби илмии ҷаласа – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология, дотсенти кафедраи мазкур Рустамшозода Шаҳбоз Рустамшо имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек пешниҳод шудааст, қайд менмояд, ки диссертатсияи номзадии Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дар мавзуи «Баррасии маънӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия»)» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31, 33- 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Зоиров, Х. Вомвожаҳои арабии муқобилмаъно дар осори мансури Ҳусайн Воизи Кошифӣ / Х. Зоиров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2021. – № 1/1 [83]. – С. 77-81.

[2-М]. Зоиров, Х. Вомвожаҳои ҳамрешаи арабӣ дар «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ / Ҳ. Зоиров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2022. – № 1/3 [101]. – С. 95-101.

[3-М]. Зоиров, Х. Воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи арабӣ дар осори мансури Ҳусайн Воизи Кошифӣ / Х. Зоиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 6. – С. 43-49.

[4-М]. Зоиров, Х., Ҳомидов, Д.Р. Вомвожаҳои осори насрии Кошифӣ ва вижагиҳои сохтори онҳо / Х. Зоиров, Д. Ҳомидов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2024. – №1-2 [122]. – С. 28-35.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Зоиров, Х. Ҷойгоҳи воҳидҳои фразеологӣ дар осори мансури Ҳусайн Воизи Кошифӣ / Х. Зоров // Садафи илм [Маҷмуаи мақолаҳо]. – Бохтар, 2023. – С. 79-84.

[6-М]. Зоиров, Х. Вомвожаҳои осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз нигоҳи сохтор / Х. Зоиров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Мавлоно ва ҷаҳони муосир». – Бохтар, 2023. – С. 181-187.

[7-М]. Ҳомидов, Д., Зоиров, Х. Воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи арабӣ дар осори мансури Ҳусайн Воизи Кошифӣ / Д. Хомидов, Х. Зоиров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Симпозиуми байналмилалии забон, адабиёт ва таърихи кишварҳои форсизабон». – Туркия, 2023. – С. 270-273.

[8-М]. Зоиров, Х. Вомвожаҳои муродифӣ дар осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ / Х. Зоиров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушду таҳаввули жанри қасида дар адабиёти форсу тоҷик». – Бохтар, 2023. – С. 313-317.

[9-М]. Зоиров, Х. Вомвожаҳои мансуби вожагони соҳавӣ дар осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ / Х. Зоиров // Сафинаи илм (Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ-назариявӣ). – Бохтар, 2024. – С. 191-197.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров **Қурғонов Зоҳид Деҳқонович** мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмӣ, муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби муаллифи диссертатсия эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Дар овардани мисолҳо, ки маводи таърихи забон аст, овонигорӣ сарфи назар шудааст. Агар мисолҳо бо овонигории лотинӣ оварда мешуд, шаҳомати кор боз дучанд меафзуд.

2. Дар таҳқиқот фасле доир ба вижагиҳои услубии вомвожаҳои арабӣ ҷудо мегардид ва ин паҳлуи масъала низ равшанӣ меёфт, беҳтар мебуд.

3. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе аз ғалатҳои имлоӣ, китобат дида мешавад (саҳ. 4, 5, 7, 8, 10).

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович** мусбат буда, бо назардошти зикри дастовардҳои илмӣ эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Дар фасли аввали боби якуми таҳқиқоти диссертант вомвожаҳои забонҳои нодир бо алифбои лотинӣ ва овонавишт пешниҳод мегардид, боз ҳам беҳтар мебуд (Автореферат, саҳ. 14).

2. Дар фасле аз кори таҳқиқотӣ баррасии мухтассоти услубии вомвожаҳои арабӣ зарурат дошт ва ба ин нукта низ муҳаққиқ таваҷҷуҳ мекард, беҳтар буд.

3. Дар автореферат ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ, китобат дида мешавад (Автореферат, саҳ. 4, 5, 7).

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара **Раҳмоналиев Ҷовидон** мусбат буда, мавсуф дар бораи норасиву муваффақиятҳои таҳқиқ қайд намудааст, ки агарчи дар фишурда ҷо-ҷо ғалатҳо ба чашм мерасанд, он қадр ҷиддӣ нестанд ва бештар бар ғалатҳои имлоиву китобат мансубанд. Вуҷуди ин ғалатҳои камшумор ва он ҳам дувумдараҷа арзиши аслии корро пойин намебарад.

**4. Тақризи** доктори фалсафа оид ба фанҳои филологӣ (PhD), муаллими кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов **Муртазоев Холмурод Ризоқулович** низ мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмӣ аз баъзе камбудиҳои ҷузъии кори таҳқиқотӣ ёдовар шудааст:

1. Дар корбурди истилоҳоти забоншиносӣ дар кори таҳқиқотӣ ягонагӣ нест: ҳам аврупоӣ (суффикс, преффикс, морфема...) ҳам истилоҳоти тоҷикӣ (пешванд, пасванд, миёнванд) ба назар мерасад.

2. Дар фишурдаи диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ ба назар мерасанд (ниг.: саҳ. 3, 4, 10, ...).

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии онро таъкид карда, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор донистанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– **собит шудааст,** ки таҳлилу баррасӣ чунин мавзуъ барои омӯзиш ва таҳқиқи масоили назариявии марбут ба вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабии осори насрӣ мусоидат менамояд.

– **муайян гардидааст,** ки ҷамъоварӣ ва таснифи вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз нигоҳи сохтор, асосан, аз ҳисоби воҳидҳои луғавӣ ва сарфӣ ташаккул ёфта, онҳо барои ифодаи мазмуни баланд дар асар асос шуда метавонанд.

– сабабҳои иҷтимоию таърихии воридшавии забонии вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабӣ ба забони тоҷикӣ **муайян гардида,** нишонаҳои онҳо ва мувофиқати ҳамсадоҳои арабӣ бо овозҳои хоси тоҷикӣ низ мушаххас шудаанд.

– вижагиҳои сохторию маъноии вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабии осори мансури адиб мавриди **таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст**.

– қолабҳои калимасозӣ ва васоити калимасоз бо вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабии осори мансури Ҳусайн Воизи Кошифӣ **таъин шудаанд.**

– манбаъҳои ташаккулу таҳаввули вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабии осори мансури Кошифӣ **муайян гардида,** воситаю қолабҳои калимасозии онҳо нишон дода шудаанд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он зоҳир меёбад, ки маводи фароҳамомадаро барои гузаронидани дарсҳои курсу семинари махсус аз таърихи забони адабии тоҷикӣ истифода кардан мумкин аст, ҳамчунин, вожаҳои махсус эҷоднамудаи адибро дар фарҳангномаҳо чун мавод истифода намудан мувофиқи мақсаду матлаб хоҳад буд.

Дар ҷараёни таҳқиқ ва таълифи диссертатсия таҷрибаи илмии муҳаққиқони забоншиноси ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла С. Айнӣ, А. Деҳхудо, А. К. Писарчик, Л. С. Пейсиков, Ю. А. Рубинчик, Т. Д. Чхеидзе, И. С. Брагинский, А. М. Мирзоев, Б. Ниёзмуҳаммадов, Н. Маъсумӣ, Д. Тоҷиев, Р.Ғаффоров, М.Н. Қосимова, С. Ҳалимиён, Ҳ. Маҷидов, Қ. Восеъ, Д. Хоҷаев,

Ш. Кабиров, М. Султон, А. Ҳасанзода, С. Раҳматуллозода, З. Мухторов, М. Саломиён, Ф. Шарифзода, Д. Ҳомидов, Ж. Гулназарзода, Х. Камолзода, У. Саъдуллоев ва дигаронро мавриди истифода қарор дода, ба афкори назарии онҳо истинод шудааст.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз методҳои муқоисавӣ-таҳлилӣ, шарҳу тафсир, усули лексикӣ-семантикию сохторӣ, усули баррасии омории воҳидҳои луғавӣ, сарфӣ, наҳвӣ ва мушоҳида истифода шудааст. Муҳаққиқ барои нишон додани ҳолати гузаштаю имрӯзаи ташаккули вомвожаҳои арабию ғайриарабии осори насрии адиб аз усули таҳқиқи ҳамзамонӣ (синхронӣ), дерзамонӣ ё таърихӣ (диахронӣ) ва оморӣ низ истифода намудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷаҳои амалии кори диссертатсионӣ ҳангоми иншои мақолаву рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ тартиб ва тадвини луғати соҳавии марбут ба вожашиносии таърихӣ, таърихи забони адабии тоҷик дар асрҳои XV-XVI истифода шаванд. Маводи рисола ва мақолаҳои чопшуда барои дарсҳои амалию назариявии фанҳои лексикаи забони адабии тоҷик ва таърихи он дорои аҳаммияти бузурги илмию амалӣ мебошад. Ҳамчунин, хулосаҳои илмии диссертатсия метавонанд барои таҳияи барномаҳои таълимии вожашиносии забони тоҷикӣ, китобҳои дарсии марбут ба фанни луғатшиносии забони тоҷикӣ ва масоили вомгириву вомдиҳии забонҳо ба воситаи осори бадеӣ, таърихии забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи кори диссертатсионӣ аз омӯзишу таҳқиқоти забоншиносони ватанию бурунмарзӣ, луғатнигорон ва сарчашмаҳои адабӣ истифода шудааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз ҷамъоварӣ ва таснифоти гурӯҳҳои луғавии калимаҳои вомгирифтаи осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ, мувофиқати ҳаҷми маводи мавриди пажуҳиш, теъдоди нашри интишорот дар доираи мавзуъ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳои кори диссертатсионӣ дар заминаи таҳлили илмӣ манзур гардида, натиҷаҳои бадастомадаи фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дарки амиқи масъалаҳои дар диссертатсия тарҳрезишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, тавсияҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мушаххас баён гардидани мавқеи ӯ нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ муайян менамояд. Ҳамчунин, саҳми бевоситаи муаллифи диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки ӯ ҷанбаҳои назарию амалии таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, аввалин маротиба вижагиҳои маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои осори насрии Ҳусайн

Воизи Кошифиро дар асоси маводи осори насрии ин адиб, ки дар охири асри XV ва ибтидои асри XVI зиндагӣ кардааст, дар шакли таҳқиқи мукаммал, яъне диссертатсияи илмӣ ба таври системанок пажуҳиш кардааст.

Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина мегузорад.

Диссертант ҳангоми баррасии мавзуъ, ибтидо аз интихоби он, интишори натиҷаҳои таҳқиқ ва пешниҳоди маълумот барои таҳқиқоти оянда натиҷаҳои фарогиру чашмрас ба даст овардааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 10-уми апрели соли 2025 дар бораи сазовор донистани Зоирзода Холмурод Сафаралӣ ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар, аз ҷумла 4 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Аз 13 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мирзоёров Ф.Н.

10.04.2025.